# "Tajik state university of commerce"
# Course: *Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*

**Week 10:**

## Foreign trade agreements (contracts) in Tajik enterprises

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Foreign trade agreements (contracts) in Tajik enterprises

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НОМИ ФАН: ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНАИ КОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




**Ҳафтаи 10.**
**ҚАРОРДОДҲОИ (ШАРТНОМАҲОИ) САВДОИ ХОРИҶА ДАР КОРХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН**

***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1.Муқаддима**

- Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна ва дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна
- Шартҳои заминавии молрасонӣ

**2.Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

# Мақсади лексия:

Омӯзиши махсусиятҳои қарордоҳои намунавии савдои беруна ва истифодаи онҳо буда, азбаркунинии донишҳо дар ин ҷода имконият медиҳад, ки хавфу таваккалҳои савдои беруна то андозаи имконпазир пешгирӣ карда шаванд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Қарордоди намунавӣ - ин намунаи шартнома ва ё як қатор шартҳои якхела, ки дар шакли хаттӣ баён гардида, бо дарназардошти таҷрибаи тиҷоратӣ ва ё урфу одатҳо қаблан омода карда шудааст ва баъди мувофиқасозӣ бо талаботи қарордоди шартномавӣ аз ҷониби тарафҳо қабул шудааст.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Қарордоди намунавӣ ҳамчун асос барои бастани шартнома истифода мегардад ва метавонад аз тарафи ҷонибҳо тағйир ё илова карда шавад.

Субъэктҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҷараёни татбиқи ин фаъолият ҳатман муносибатҳои байналхалқии шартномавӣ барқарор менамоянд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

***Муносибатҳои байналхалқии шартномавӣ*** маҷмӯи меъёру стандартҳои эътирофгардидаи ҳуқуқи шаҳрванди мебошад, ки тартибу шаклҳои анҷоми муомилот бо шарикони хориҷӣ, мундариҷа ва шартҳои иҷрои онҳоро муайян менамоянд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки дар аксарияти кишварҳо асноди қонуни ва меъёрие қабул шудаанд, ки тартиб додану иҷро намудани шартномаҳои байналхалқиро танзим менамоянд. Асноди меъёри ки ҳоло ҳамчун ҳуҷҷатҳои эътирофгардидаи танзимкунандаи муносибатҳои савдои хориҷӣ дар кишварҳои зиёд қабул шудаанд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Инҳо ***Конвенсияи СММ*** –дар бораи муҳлати даъво дар хариду фуруши байналмиллалии мол (***с.1974)***, ***Конвенсияи СММ*** – дар бораи муҳлати даъво дар хариду фуруши байналмиллалии мол **(с.1980)** ***Конвенсияи*** – дар бораи ҳуқуқ дар шартномаҳои хариду фуруши байналмиллалии мол **(с.1985)** ва ғайра мебошад.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Яке аз асноди меъёрие, ки** дар тиҷорати байналхалқи васеъ истифода мешавад, ***Конвенсияи СММ*** – дар бораи шартномаҳои хариду фуруши байналмиллалии мол мебошад. Он 11.04.1980 дар ш. ВЕНА ба имзо расидааст.

Ба субъэктҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҷараёни барқарор намудани муносибатҳои шартномавӣ бо шарикони хориҷӣ истилоҳи мухталифро истифода менамояд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Истилоҳоти бештар маълум «муомила», «қарордод», «шартнома» ва «созишнома» мебошанд. Мафҳуми «муомила» маънои васеъ дорад. Ҳар гуна амалҳои шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқи, ки ба баркарор намудан, тағир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрванди равона гардидаанд, ҳамчун муомила эътироф карда мешаванд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Бинобар ин фарқи мафҳумҳои «қарордод», «шартнома» ва «созишнома» аз мафҳуми васеътари «муомила» дар он аст, ки онҳо лаҳзаҳои татбиқи вазифаҳои (амалиёти) муайяни марбут ба ҳаракати мол, кор, хизматрасони ва маблағҳои пулиро ифода менамоянд. Қарордодҳо мумкин аст, ки бо мақсади амалиёти марбут ба ҳаракати мол дар бозори дохили ва ҳам дар бозори хориҷа баста шаванд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Қарордодҳои савдои хориҷӣ** бо шарикони хориҷӣ аз ҷониби субъэктҳои ФИХ, ташкилоту корхонаҳо, ашхоси воқеи ва ҳуқуқи, инчунин ҳукумат ва мақомоти дигари ҳокимияти давлатии кишвар баста мешаванд. Субъэктҳоеро, ки ба муносибатҳои қарордоди барқарор менамоянд, «тарафҳол», «аҳли шартнома» ё «шарикон» меноманд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Инчунин вобаста ба намудҳои фаъолияти дар қарордод иникосёфта онҳо мумкин аст «харидор» ва «фурушанда», «таҳвилгар» ва «қабулкунанда» ва ғайра номида шаванд.

**Қарордоди савдои хориҷӣ** санади мувофиқашудаест, ки бо мақсади хариду фуруш, анҷоми кор, хизматрасони дар кишварҳои мухталиф дар асоси дуҷониба ё бисертарафа баста мешавад.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Қарордоди намунави** хуҷҷатест, ки мутобиқи қоидаҳои дар кишварҳои алоҳида муқараршуда таҳия гардида, намунаҳои тахминии ягон шаклу намуди муомиларо дар бар мегирад ин эътибори ҳуқуқи надошта ёрирасон мебошад. Ҷараёни тартиб додан ва тарафҳоро дар ҷараёни мазкур фаро мегирад.

# Муқарраротн умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Марҳилаи пешаки** - ин давраест, ки муқарароти асосии қарордод гуфтушунид гузаронида мешавад, ки таи он тарафҳо таклифҳои тиҷорати пешниҳод мекунанд ё дар хусуси хоҳишу имкониятҳои анҷом додани амалиёти тиҷорати хориҷӣ иттилоъ медиҳанд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Таклифи тиҷорати дар лаҳзаи иттилоъ (***пешниҳод)*** гардидана ***оферт*** (comercial offer) ва дар сурати қабул шуданаш ***аксепт (acceptance)*** номида мешавад.

Оферт 2 - навъ аст; устувор (пешниҳодоти хаттӣ) ва озод (таклифи тиҷоратӣ).

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Марҳилаи тартиб додан ва бастани қарордод.** Ин марҳила аз лаҳзаи ба охир расидани гуфтушуниди пешаки, вақте ки пешниҳодоти тиҷорати қабул гардида, оферт ба аксепт мубаддал гашт оҷоз меёбад. Дар ин марҳила тарафҳо мушаххасоти муомилаи пазируфташудаи савдои хориҷиро ба таври амиқ меомӯзанд ва шартҳои асосии таҳвилу пардохтро муайян намуда, қарордодро ба имзо мерасонанд.

# Муқарраротi умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Қарордодҳои савдои хорича дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** – мавзӯи хеле муҳими иқтисодӣ мебошад, ки муносибатҳои савдои хориҷиро бо шарикони байналмилалӣ таҳлил мекунад. Мақсади асосии омӯзиши ин мавзӯъ фаҳмидани раванди тасмимгирии шартҳои савдои хориҷӣ ва таҳлили назария ва амалияи он дар ҷумҳурӣ аст.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

Ҳангоми таҳлили қарорҳои савдои хориҷӣ дар корхонаҳои Тоҷикистон, метавон аспектҳои зерини онро баррасӣ намуд:

**Таърифи қарорҳои савдои хориҷа**

Қарордодҳои савдои хориҷа – ин аҳдҳое мебошанд, ки байни корхонаҳои Тоҷикистон ва шарикони хориҷӣ ба хотири таъмини шартҳои савдои мол ва хизмат сурат мегиранд. Ин қарордодҳо метавонанд шомили шартҳои молиявӣ, ҳуқуқи интиқол, таҳвили мол бошанд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

## Аҳамияти қарорҳои савдои хориҷа

**Таъмини рушди иқтисодӣ:** Қарордодҳои савдои хориҷа барои корхонаҳои Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки молҳои худро ба бозорҳои байналмилалӣ пешниҳод кунанд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Ҷалби сармояи хориҷӣ**: Бо имзои шартномаҳо ва қарордодҳои савдои хориҷа, корхонаҳо метавонанд сармояи хориҷӣ ҷалб кунанд, ки барои рушди корхонаҳо ва муҳити тиҷоратӣ мусоидат мекунад.

**Интегратсия дар иқтисоди ҷаҳонӣ**: Ҳамкориҳои байналмилалӣ ба корхонаҳои Тоҷикистон кӯмак мекунанд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамкориҳои глобалӣ саҳм гузоранд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Таҳлили самтҳои асосии қарорҳои савдои хориҷа**

**Шартҳои молиявӣ**: Ҳар як қарордод дар бар мегирад шартҳои пардохт, даромадҳо, ва талаботи молии тиҷорат.

**Мӯҳлат ва муҳлати иҷро**: Мӯҳлатҳои иҷро ва таъмини интиқол ва пардохт аз муҳиме мебошанд, ки метавонанд ба натиҷаи савдо таъсир расонанд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

**Қонунгузорӣ ва танзимоти ҳуқуқӣ**: Ҳар як қарордод бояд бо қонунгузории кишвар мувофиқат кунад, ки барои сохторҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони хориҷӣ муҳим аст.

**Раванди арбитражи байналмилалӣ**: Масъалаи ҳалли ихтилофҳо дар ҳолатҳои набудани мувофиқа дар шартҳои савдо, ба арбитражи байналмилалӣ вобаста мешавад.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

## Технология ва инноватсияҳо дар қарорҳои савдои хориҷа

Ба корхонаҳо имкони истифодаи технологияҳои муосир ва платформаҳои онлайн барои пӯшида намудани қарордодҳои савдо дода мешавад. Барномаҳои ё ҳуҷҷатгузории электронӣ ва хидматҳои байналмилалӣ метавонанд имзои қарордодҳоро содда ва муассир созанд.

# Муқаррароти умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

## Мушкилот ва чолишҳо дар қарорҳои савдои хориҷа

**Тағйироти сиёсӣ ва иқтисодӣ**: Ҳар гуна тағйироти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар як кишвар метавонад ба қарорҳои савдои хориҷа таъсир гузорад.

**Мушкилоти логистикӣ**: Масъалаи интиқоли мол ва молиявии тиҷорат метавонад ба савдои хориҷӣ таъсир расонад, махсусан дар кишварҳои дорои бунёди инфрасохтории кам.

# Муқарраротi умумӣ - қарордоди намунавӣ дар муомилоти савдои беруна

## Мисолҳо аз таҷрибаи корхонаҳои Тоҷикистон

Ба таври мушаххас, шояд манзурҳо ва мисолҳо аз қарорҳои савдои корхонаҳои Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталиф (масалан, истеҳсоли бофандагӣ, металлоидҳо, кишоварзӣ ва ғайра) муҳим бошанд.

Омӯзиши қарорҳои савдои хориҷа дар корхонаҳои Тоҷикистон кӯмак мекунад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Қарордодҳои савдои хориҷӣ вобаста ба хусусияти муомилот дар шаклҳои зерин ба расмият даровrouting мешаванд;

- қарордоди хариду фурӯш
- қарордоди консигнация
- қарордоди бартер

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

- қарордоди фючерси
- қарордод дар мавриди коркарди маҳсулот (ашёи хоми боздеҳ) ва молрасонии коопераисони
- қарордод дар мавриди амалиёти иҷоравӣ, лизинг.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Қарордоди савдои хориҷии хариду фуруш чунин қарордодест, ки мутобиқи он як тараф «Фурушанда» ӯҳдадори мегирад, ки ба тарафи дигар – «харидор» бошад, ӯҳдадор мешавад, ки молро қабул карда, маблағи арзиши онро дар муҳлат ва бо тариқи пардохти дар қарордоди мазккур нишондодашуда месупорад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

**Қарордоди савдои хориҷии консигнасия** яке аз намудҳои қарордоди хариду фурӯшест, ки мутобиқи он «харидор» арзиши молро пешаки ё дар лаҳзаи бор карда фиристоданаш не, балки пас аз ба маҳалли таинот расидани мол ва аз ҳама муҳимаш пас аз фурӯши он месупорад. Мӯҳлати консигнасия пардохти маблағи арзиши мол пас аз фурӯши он дар қарордод ё фасли махсуси он зикр карда мешавад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Қарордоди савдои хориҷии бартер - чунин шакли ӯҳдадороии шартномавиест, ки мутобиқи он як тараф ӯҳдадори мегирад, ки ба тарафи дуюм бар ивази молҳои дигар мол мерасонад.

Карордоди фючерси – мутобиқи ин қарордод тарафҳо, яъне фурушанда ва харидор тартиби хариду фуруши молро бо шарти дар оянда таҳвил намудани он пешаки муайян менамоянд. Дар ин бозор иштирокчии асоси хачерҳо мебошанд.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

**Хачер** - ин мол истеҳсолкунанда ё шахси дигаре мебошад, ки зироатро парвариш намуда онро ба ҳисоби молрасонии минбаъда ба фуруш мерасонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи қарордодҳои Фючерси аз соли 1996 оҷоз ёфта аст. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.04.1996, №468 «Дар бораи истифодаи муомилоти Фючерси ҳангоми истеҳсол ва фуруши маҳсулоти кишоварзӣ» қабул шуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №228 тасдиқ карда шуд.

# СОХТОР ВА ТАРКИБИ ШАРТНОМАИ САВДОИ БЕРУНА

**Қарордоди савдои хориҷӣ дар мавриди амалиёти иҷоравӣ, лизинг-** ин шакл ба монанди ҳар шартномае, ки ба муносибатҳои иҷоравӣ асос ёфтааст, истифодаи муваққатии амволи аз ҷониби иҷорадеҳ ба истифодабаранда супоридашавандаро дар назар дорад. Агар амвол ба муҳлати дароз (3-5сол, баъзан 15-20сол) ба иҷора дода шавад ин амалиёти Лизингӣ номида мешавад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Ба муҳлати миёна (1-3сол**) - Хайринг,** ва ба муддати кӯтоҳ (аз якчанд соат, моҳ, то 1сол) - рентинг номида мешавад.

- Қарордоди намунавӣ аз сарсухан ва бобҳо иборат мебошад.
- Дар сарсухан рақами тартибии қарордод, таърихи рӯз, ва макони бастани шартнома зикр мегардад.

Бобҳо иборат мебошанд:

Боби 1: Қисмати ибтидоӣ. Ҷонибҳо муйян карда мешаванд, номи пураи ҳуқуқии ширкат, макони ҷойгиршавӣ ва мамлакати он нишон дода мешавад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Боби 2: Мавзӯи қарордод. Дар ин боб нишон дода мешавад, ки кадом намуди молро фурӯшанда мефурӯшад ва харидор мехарад. Агар як намуди мол бошад, дар ин ҷо навишта мешавад ва агар номгӯи бисёр молҳо бошад, ҳамчун замимаи қарордод таҳия гардида, дар он номгуй, миқдор, арзиши ҳар як мол нишон дода мешавад ва он низ аз ҷониби тарафҳо имзогузорӣ карда мешавад.

Боби 3: Миқдори мол, воҳиди ченаки мол (дона, тонна, литр, метр, кубометр, вагон ва монанди инҳо) муайян карда мешавад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Вазни бор дар шакли брутто ва нетто нишон дода мешавад. Нетто – вазни холис, брутто – вазни мол якҷо бо борҷома.

Боби 4: Сифати мол. Муқаррар карда мешавад, ки бо кадом тарз сифати мол назорат мегардад ва ба чӣ бояд мутобиқат дошта бошад. Мол бояд ба стандарти байналмилалӣ ва ё миллӣ мутобиқ бошад.

Боби 5: Мухлати молрасонӣ. Муқаррар карда мешавад, ки чи тавр молрасонӣ анҷом меёбад. Якбора ҳамаи молҳо ва ё қисм – қисм дастрас карда мешавад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Боби 6: Нарх. Дар ин боб нишон дода мешавад, ки арзиши молрасонӣ аз рӯи шартномаи мазкур ва дар кадом асъор пардохт амалӣ мегардад.

Боби 7: Пардохтҳо. Дар ин боб нишон дода мешавад, ки пардохтҳо бо кадом роҳ ва дар кадом шакл ҳисоббаробаркунӣ анҷом дода мешавад. Боби 8: Бастубанд ва тамғазанӣ. Нишон дода мешавад, ки:

- кадом намуди бастубанд истифода мегардад,
- бастубанд бояд чи хел бошад,
- баргарданда ва бисёристифодашавии зарф ё борҷома,
- оё арзиши он ба арзиши қарордод дохил аст ё не,
- дар ин боб тартиби тамғабандӣ забон, ранг;
- тамғазанӣ нишон дода мешавад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Боби 9. Тартиби ирсоли мол. Дар ин боб тартиби иттилоотонии тарафи ҳамкор оид ба омодагӣ барои интиқоли мол ва дар бораи омодагӣ барои қабули он нишон дода мешавад.

Боби 10. Қабулу супоридани мол. Нишон дода мешавад, ки чи тавр супоридани мол ба вуқӯъ меояд, зарурати иштироки намояндаи харидор зимни интиқоли мол, кадом фарқиятҳои эҳтимолӣ хангоми гирифтани мол метаванонанд бошанд, зарурати барасиятдарори ҳуҷҷатҳо ва ки бояд онҳоро ба имзо расонад.

Боби 11. Муҳлати даъво. Нишон дода мешавад, ки то кадом мӯҳлат харидор бояд ба тафовути сифат ва ё микдори моли гирифтааш чораандешӣ кунад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Боби 12. Кафолатҳо. Нишон дода мешавад, ки чӣ тавр содиркунандаи мол кафолати сифати молро дар кишвари воридкунанда таъмин мекунад.

Боби 13. Андоза ва намуди муҷозотҳо барои кашолёбии муҳлат ва тартиби татбиқи он ҳангоми кашолёбии молрасонӣ ва пардохт нишон дода мешавад.

Боби 14. Форс мажор. Ҳолатҳои фавқулодаи пасисарнашаванда.

Дар вақти амали ин қувваи пасисарнашанванда ҷонибҳо аз иҷрои уҳдадориҳо озод мебошанд. (заминҷунбиву харобиҳои офатҳои табиӣ, ҷангу ноорромиҳои фарогир ва монанди инҳо).

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Боби 15. Арбитраж. Тартиби ҳалли қазияҳо нишон дода мешавад.

Боби 16. Забони қарордод. Нишон дода мешавад, ки ба кадом тарзи ҳуқуқӣ қарордод мансуб мебошад ва кадом забон асосӣ аст. Боби 17. Қувваи ба амал даромадни қарордод. Нишон дода мешавад, ки аз кадом муҳлат қарордод қувваи амал пайдо мекунад.

Боби 18. (Вогузоркунии ҳуқуқҳо –сессия). Тартиби ба тарафи сеюм додани ҳуқуқҳо нишон дода мешавад.

# Сохтор ва таркиби шартномаи савдои беруна

Боби 19. Нишони ҳуқуқии ҷонибҳо. Нишони пурраи ҳуқуқӣ ва воқеии ҷонибҳо, нишони почтавии онҳо, телефонҳо, факс ва почтаи электронӣ навишта мешаванд

Боби 20. Имзо ва муҳргузорӣ. Имзои он шахсоне, ки дар боби 11 нишон дода мешавад гузошта мешавад. Муҳр бояд давра ва асосии дорои РМА бошад.

# Шартҳои заминавии молрасонӣ

Шартҳои заминавӣ – ин шартҳои шартномаҳои байналмилалии хариду фурӯши молҳо, ки бо молрасонӣ алоқаманд буда, ҳуқуқу уҳдадориҳои харидор ва фурӯшандаро танзим мекунад.

Молрасонӣ: бастубанд, пардохти харочоти гумрукӣ, суғуртакунӣ, гирифтани ичозатномаҳои содиротӣ ва воридотӣ, пардохти харочоти вобаста ба боркунӣ ва фаровардани молҳо ва супоридани он ба харидор.

# ШАРТҲОИ ЗАМИНАВИИ МОЛРАСОНӢ

Шартҳои заминавии молрасонӣ (ё **шартҳои асосии таҳвили мол)** маҷмӯи қоидаҳо ва тартиботест, ки дар шартномаҳои байни фурӯшанда ва харидор оид ба расонидани молҳо муқаррар карда мешаванд. Ин шартҳо барои таъмини фаҳмиш ва ҳамоҳангсозии равандҳои логистикӣ ва ҳуқуқӣ муҳиманд.

**Шартҳои заминавии молрасонӣ метавонанд чунин бошанд:**

**Навъи мол ва сифаташ**

- Тавсифи дақиқи мол (навъ, намуд, параметрҳо, бренд ва ғ.)
- Сертификатҳо ва ҳуҷҷатҳои сифат

# ШАРТҲОИ ЗАМИНАВИИ МОЛРАСОНӢ

**Миқдор ва воҳиди ченак**

- Миқдори дақиқи мол (кг, тонна, дона ва ғайра)
- Таҳаммулпазирии эҳтимолӣ (+/-5%)

**Нархи мол ва тарзи пардохт**

- Нархи умумӣ ва нархи як воҳиди мол
- Асъори пардохт (сомонӣ, доллар, евро)
- Шартҳои пардохт (пешпардохт, пас аз таҳвил, тавассути банк ва ғайра)

# ШАРТҲОИ ЗАМИНАВИИ МОЛРАСОНӢ

**Мӯҳлати таҳвил**

- Рӯзҳои дақиқ ё мӯҳлати умумӣ
- Ҷаримаҳо барои таъхири таҳвил

**Шартҳои таҳвил (Delivery terms)**

- Инкотермс (масалан, FOB, CIF, DDP ва ғ.)
- Нуқтаи интиқол (масалан, анбор, бандар, сарҳад)

**Бастабандӣ ва нишонагузорӣ**

- Талабот ба бастаи мол (коробка, халта, бочка ва ғ.)
- Тамғагузорӣ бо нишондиҳии фирма, рақами шартнома ва ғ.

**Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо дар мавриди хатар**

- Вақти гузаштани хавфи талафот аз фурӯшанда ба харидор

**Гарав ва кафолатҳо**

- Давомнокии кафолат
- Шартҳои баргардонидан ё иваз кардани мол

# Ҷамъбасти мавзуъ

Қарордодҳои (шартномаҳои) савдои хориҷӣ дар корхонаҳои Тоҷикистон накши калидӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар ва воридсозии сармоя ва технологияҳои муосир доранд. Ин шартномаҳо воситаи асосии ҳамкориҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ буда, муайянкунандаи шартҳои харидуфурӯш, интиқол, пардохт ва масъулияти ҷонибҳо мебошанд.

Сатҳи таҳияи шартномаҳои савдои хориҷӣ дар бисёр корхонаҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест, ки ин метавонад боиси муаммоҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ гардад. Мушкилиҳо асосан ба набудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, нофаҳмиҳо дар муқаррароти ҳуқуқии кишварҳои ҳамкор ва норасоии забондонӣ вобастаанд.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Алексеев, И. Внешнеэкономическая деятельность / И. Алексеев. – М.: Дашков и К, 2011. – 304 с.

2. Алехнович, А. Внешнеэкономическая предпринимательская деятельность / А. Алехнович. – М.: Дикта, 2009. – 128 с.

3. Внешнеэкономическая деятельность предприятия: Учебник для вузов/ Л.Е. Стровский, С.К. Казанцев, Е.А. Паршина и др.; Под ред. проф. Л.Е. Сгровского. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ, 1999. – 823 с.

4. Воронич А.В. Экономика и управление внешнеэкономической деятельностью: учебно-методическое пособие / А. В. Воронич ; М-во образования РБ, Гом. гос. ун-т им. Ф. Скорины. – Гомель: ГГУ им. Ф. Скорины, 2015. – 162 с.

5. Оймахмадов М., Машгулов М. Основы внешнеэкономической деятельности. –Душанбе, Ирфон – 1997г.